# ТАҚРИЗИ

**номзади илми биология, ходими калони илмии Институти биологии Помири ба номи Х. Юсуфбекови АМИТ, Бекназарова Хосият Алиназарова ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*Lamiaceae* Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника**

Диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар ҳаҷми 180 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиётҳои истифодашуда, 47 расм, 7 ҷадвал, 2 диаграмма, 4 харита ва замимаҳо иборат аст.

Бояд қайд намуд, ки унвонҷуй дар рисолаи илмиаш ба вазифаҳои дар пешаш гузоштаро ба хубӣ ҳал намуда, дар хулосаҳои ҷамъбастиаш онҳоро мушахасс ва фаҳмо пешниҳод намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмии Абдуғафури Сафар бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда аст. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар минтақаи омӯзиш 32 авлод ва 73 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 1 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Диссертант Абдуғафури Сафар минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди кисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда, харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода аст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои диссертант муайян карда шуд, ки дар кисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оилаи лабгулҳо ба монанди *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) Ietsw., *Nepeta cataria* L., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант Абдуғафури Сафар ҳангоми омӯзиши гунгунии биологии оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд.Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica L., Origanum vulgare subsp. gracile (K. Koch) Ietsw., Nepeta catarica L, Salvia sclarea* имкон медиҳад, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия диҳанд.

Тавсифи гуногунии намуди оилаи лабгулҳо дар соҳаи илми ботаника, формасевтика ва кишоварзи метавонанд истифода баранд. Тибқи натиҷаҳои

таҳлили адабиёт дар таркиби 8 намуди оилаи *Lamiaceae* Mart. (*Dracocephalum Paulsenii, D. Komarovii, Nepeta kokanica, N. catarica, Salvia sclarea, Ziziphora pamiroalaica, Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) *Ietsw., Thymus seravschanicus*) равғанҳои эфирии моддаҳои зиддимикробӣ муайян карда шуд ва онро дар амалияи тибб истифода бурдан мумкин аст.

Диссертант Абдуғафури Сафар намудҳои зерини оиларо: *Ziziphora pamiroalaica, Salva sclarea, Nepeta catarica* ҳамчун инсектисидҳои табиӣ барои нест кардани ҳашароти зараррасони растаниҳои мевадиҳандаи худрӯй ва маъдани пешниҳод карда аст.

Дар маҷмӯъ бояд қайд намуд, ки диссертатсияи илмии Абдуғафури Сафар таҳқиқоти муҳими илмӣ маҳсуб ёфта, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти муосири илмии бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ иҷрогардида ба шумор меравад.

Аз рӯйи мубрамии мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсияи Абдуғафури Сафар ба талаботи боби 3, бандҳои 31, 34 "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01. - Ботаника сазовор мебошад.

Ходими калони илмии Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ, номзади
илми биологяи, аз рӯйи ихтисоси
03.02.01. - Ботаника Бекназарова Х.А.

Имзои Бекназарова Х.А.. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ Наврузқулова Л.

07.08.2025

**Нишонӣ:**
736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Холдоров 1.
Тел: (+992) 93-156-96-40
E-mail: khosiyatbeknazarova67@inbox.ru